## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С. Айнӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Забони тоҷикӣ ҳамчун забони як миллати дорои таърихи куҳан ва осори хаттии бемисл дар зинаи имрӯзаи инкишофу тараққии худ бо шарофати соҳибистиқлолии кишварамон дар ҳамаи соҳаи ҳаёти ҷомеа фаъолияти густурда дошта, таърихи инкишофи шакли хаттии он дар забони адабӣ ба таъриху ҳаёти ҷамъиятиву мадании халқи тоҷик дар гузашта ва ҳозира алоқамандии зич дорад. Иртиботи забон бо ҷараёни тафаккур ва олами рӯҳиву маънавиёти инсон маҳз дар бахши наҳв барҷаста эҳсос мегардад. Ин аст, ки наҳв тамоми паҳлуҳои фаъолияти ҷомеаро дар бар гирифта, ба сифати як бахши мустақили грамматика ҳамеша дар рушду инкишоф аст.

Бояд қайд намуд, ки илми забоншиносии муосири тоҷик дар қатори дигар илмҳои замон дар ҳоли густариш қарор дорад ва муҳаққиқону пажуҳишгарон пайваста ҷиҳати ғанӣ гардонидани он саъйу талош варзида истодаанд.

Дар воқеъ, илми наҳв дар забоншиносӣ ҷойгоҳи махсусро дорад, ки тавассути он меъёри забони адабӣ ба танзим даровварда мешавад.

Диссертатсияи баррасишавандаи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна низ дар ин самт бағоят саривақтӣ ва муҳим буда, ба таҳқиқи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С. Айнӣ)» равона шудааст ва диссертант тавонистааст, ки вижагиҳои онро аз нигоҳи илмӣ корбаст намояд. Таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда яке аз

масъалаҳои муҳими наҳв дар самти забоншиносии забонҳои қиёсшаванда мебошад.

Навгонии таҳқиқот дар он зоҳир гаштааст, ки дар рисолаи илмӣ ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда, аз ҷониби муаллиф ба таври васеъ таҳқиқ гардида, ба хонандагон ва забоншиносон дорои аҳамияти калон ва вижагиҳои он бо далелҳои илмӣ асоснок шудаанд.

Дар рисола диссертант ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунандаи осори насрии Садриддин Айниро бо назардошти муқоисаи тарҷумаи онҳо дар забони англисӣ меҳвари асосии таҳқиқ қарор додааст. Дар ин замина муайян намудани тобишҳои маъноӣ, гурӯҳбандии таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунандаи забони тоҷикӣ ва ҳамгунаҳои онҳо дар забони англисӣ муфассал таҳқиқ шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ комилан мутобиқат менамояд.

Ҳамзамон, муҳаққиқ чунин нуктаҳои илмиро барои ҳимоя пешниҳод намудааст: -ҷумлаҳои пайрави муайянкунандаи забони ҳозираи адабии тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ бори нахуст дар чунин шакл дар забоншиносии тоҷик таҳқиқ гардидааст; -чунин ҷумлаҳо дар сохтори наҳви забони адабии тоҷикӣ яке аз навъҳои серистеъмолтарини ҷумлаҳои мураккаб буда, ҳам дар нутқи хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ ба таври фаровон ба кор бурда шудааст; -ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ аз рӯйи сохту маъно, вазифаи наҳвӣ ва воситаҳои алоқаи грамматикиаш бо сарҷумла гуногун шуда метавонад ва ғ.

Аҳаммияти илмию амалии рисола дар он зоҳир мегардад, ки маводди омодашудаи таҳқиқ дар раванди муайян намудани як қатор масъалаҳои марбут ба таърихи забони адабии тоҷик, бахусус давраҳои алоҳидаи тараққиёти он, ҷанбаҳои он, ки калимаҳои ҳамнисбат, фақат мавқеи наҳвиро ишғол мекунад ва бе ҷумлаи пайрави эзоҳдиҳанда ифода намешаванд, қолабҳои ҷумласозӣ ва

қабатҳои сохтории он татбиқ гардида, инчунин, дар таҳияи дастурҳои таълимиву методӣ доир ба наҳв замина гузошта метавонад. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд, дар омӯзиши илмии масъалаҳои гуногуни наҳвшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ истифода шаванд. Дар таҳқиқот ҷанбаҳои илмиву амалии мавзуъ аз нигоҳи методологӣ ва мантиқӣ асоснок карда шудааст.

Диссертатсияи аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, се боб, 11 зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуъ, сатҳи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои гузошташуда, объекту предмет, сарчашмаи таҳқиқ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, навгонӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар нукоте, ки қисмати дастгоҳи илмии диссертатсияро тибқи тартибот комил мегардонанд, аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шудаанд.

Боби аввали диссертатсия ба **«Заминаҳои назариявӣ ва омӯзишии ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** бахшида шуда, аз 3 зербоб асос ёфтааст. Мундариҷаи зербобҳоро асосҳои назариявӣ, навъ ва вижагиҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар бар гирифта, дараҷаи корбурди онҳо дар осори мансур ва манзуми устод С. Айнӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Зербоби якуми боби мазкур **“Асосҳои назариявии омӯзиши ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони тоҷикӣ”** ном гирифта, муаллиф зимни омӯзиш назарияи забоншиносони тоҷикро доир ба ҷумлаи мураккаби тобеъ ва навъҳои онҳо аз дидгоҳи илмӣ таҳлил намудааст.

Зербоби дуюми боби якум **“Асосҳои назариявии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони англисӣ”** унвон гирифтааст ва дар ин қисмат диссертант дар бораи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунандаи забони англисї (relative clauses), масъалаҳои таснифи ҷумлаҳо дар асоси хусусиятҳои сохторӣ, инчунин, саҳми муҳаққиқону забоншиносони англисиро дар ин масъала корбаст намудааст.

Зербоби сеюми ин боб ба **“Таснифоти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшаванда аз нигоҳи сохт”** бахшида шуда, дар ин қисмат муаллиф нукоти муҳимро доир ба таснифоти ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда дар асоси маводҳои забоншиносони муосири тоҷик, ки ба се навъ (ҷумлаҳои пайрави муайянкунандаи ҷудой (аслӣ), монандӣ-ташбеҳӣ, эзоҳӣ-ахборӣ) ҷудо мешавад, бо асноду мисолҳои мушаххас таҳлил намудааст.

Зербоби чоруми боби аввал **“Мавқеи ҷумлаи пайрави муайянкунандаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** унвон дорад ва дар он муаллиф бо такя ба назарияҳои муҳаққиқону забоншиносон ҷиҳати муайян кардани шаклҳои асосии мундариҷа ва ташкили расмии ҷумлаҳои мураккаб, ки муносибатҳои атрибутиро ба забонҳои гуногунсохт, яъне забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ интиқол медиҳанд, корбарӣ намудааст.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ “**Вижагиҳои фарқкунандаи ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунандаи забони точикӣ ва англисӣ**” номгузорӣ шуда, аз чор зербоб таркиб ёфтааст ва дар зербобҳои он диссертант ҷойи ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда, вижагиҳои сохтории ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда ва таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшавандаро мавриди таҳлил қарор додааст.

Бояд қайд намуд, ки диссертант дар таҳқиқи ҳар як ҷумлаи пайрав муносибати онро ба сарҷумла, тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрав ва тарзи ифодаи онҳоро, воситаҳои алоқаи ҷумлаи пайравро бо сарҷумла, мавқеи ҷумлаи пайравро дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ масъалаҳои асосӣ шуморида, кушиши ба анҷом расонидани таҳлили ҳам таркибӣ (структуравӣ), ҳам функсионалиро намудааст (ниг.с.99).

Боби сеюм - «**Таҳлили сохтори маъноии ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**» номгузорӣ шуда аз чор зербоб таркиб ёфтааст. Диссертант дар ин боб гурӯҳбандии маъноии

ҷумлаи пайрави муайянкунанда, инчунин, ҷумлаҳои пайрави муайянкунандаро дар таркиби ҷумлаҳои тобеи забони тоҷикӣ ва њамгунњои онҳоро дар забони англисӣ аз нигоҳи фарогирии мавзуъ мавриди таҳлил қарор додааст.

Ҳамин тавр, муаллиф бо мисолҳои амиқи матнҳои бадеӣ зербобҳои ин бобро ба хубӣ таҳлил намуда, ишора намудааст, ки дар таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби забони англисӣ ва муқоисаи он бо забони тоҷикӣ мувофиқати сохтории ҷумлаҳо бештар ба назар мерасад; доираи истифодаи пайвандакҳо фарққунандаанд, яъне ҷумлаҳои забони англисиро метавон бидуни истифодаи пайвандакҳо ва дигар воситаҳои дар кор таҳлилшуда дар кор ифода кард; миёни калимаи муайянкунанда ва ҷумлаи пайрав алоқаи мантиқӣ вуҷуд дорад.

Хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаи умумии бобу зербобҳо буда, муаллиф дар ин қисмат бо фарогирииии 8 банд натиҷаи таҳқиқотро асоснок намудааст. Ҳамчунин, диссертант 4 тавсияи мушаххаси илмӣ доир ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқотро пешниҳод кардааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири масъалаҳои муҳими забоншиносӣ буда, ба диссертант муяссар гардидааст, ки ҳадафу вазифаҳои гузошташударо дар риштаи таҳқиқ қарор диҳад. Ҳамчунин, Раҳмонова Д.И. дар давоми таҳқиқи мавзуъ 9 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшаванда рӯйи нашр овардааст.

Ҳамчунин, автореферати диссертатсия, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардидааст, мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифта, муҳтавои таҳқиқоти диссертатсиониро пурра инъикос намудааст.

Дар баробари навгониву муваффақият дар таҳқиқоти диссертатсионӣ чунин костагиҳо ба чашм мерасад, ки дар суратиислоҳи онҳо қиммати рисола боз ҳам баланд мегардад:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия муҳаққиқ зимни нишон додани асосҳои назарии таҳқиқот ба муҳаққиқони маъруфи ватаниву хориҷӣ ишора менамояд, аммо дар қисматҳои минбаъдаи пажӯҳиш аз назари ин гурӯҳи муҳаққиқон камтар истифода менамояд.

2. Дар рисола назари танқидии муаллиф кам ба чашм мерасад, хуб мебуд, ки диссертант муносибати худро роҷеъ ба баёни ин ё он проблемаи рисола муайян менамуд.
3. Дар рисола муаллиф бештар ба фикру андешаҳои муҳақиқони тоҷику рус такя намуда, диду назари суханшиносони англис каме аз назари муҳаққиқ дур мондааст.
4. Соҳиби рисола имкони боз ҳам пурмуҳтаво ва мушаххас кардани хулосаҳоро дорад.
5. Номувофиқатии баъзе адабиёти истифодашуда ба мазмуни кор ба мушоҳида мерасад.
6. Агар аз тарафи муҳаққиқ дар қисмати русии автореферат тарҷумаи ҷумлаҳои мисол овардашуда бо забони русӣ навишта мешуданд, қиммати илмии кор боз ҳам беҳтар мешуд.
7. Дар иқтибосҳои овардашуда, ному насаби муаллифи он дар саҳифаҳои диссертатсия зикр мешуд, нуран алонур мешуд. Масалан, "...забоншиноси маъруф Х. Хусейнов оид ба ифодаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда чунин менависад:..[149]."(с.42, 74, 123 ва ғ.)
8. Баъзе иштибоҳоти имлоӣ, аломатгузорӣ ва техникие, ки дар матни рисола ба чашм расиданд, ки ба осонӣ ислоҳшавандаанд ва аҳамияти илмии онро кам намекунанд.

Бояд тазаккур дод, ки эродҳои зикргардида характери тавсиявӣ дошта, мазмуну мухтавои таҳқиқотро халалдор намекунанд ва дар сурати ислоҳи онҳо арзиши илмии диссертатсия боз ҳам баланд мегардад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С. Айнӣ) таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида буда, ба нишондоди «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он Раҳмонова Дилрабо Искандаровна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз

рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқарриз: доктори илми филология,**
**профессори кафедраи забон ва адабиёти**
**руси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи**
**Носири Хусрав** **Юсупова Зарина Розиқовна**

**Почтаи электронӣ: zarina1966@list.ru**
**Телефон: (+992) 777 17 75 24**

**Имзои Юсупова З.Р.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори ШК ва КМ ДДБ ба номи**
**Носири Хусрав** **Шукурзод Ҷамшед Абдуалим**

**«10» майи соли 2024**

**Суроға: 735140, ш. Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ 67,**
**тел: (8-32-22) 2-54-81, (8-32-22) 2-22-53**